**Қарори №14**

Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 022-и назди

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Иштирок доштанд:

Аз 27 нафар аъзо Шӯрои

диссертатсионӣ 19 нафар,

аз рӯйи ихтисос 6 нафар

аз 10 январи соли 2019

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Муслимов Ҳайдар Абубакрович дар мавзӯи «Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии осори Манучеҳрии Домғонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Саъдуллоев Ҷ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Муслимов Ҳайдар Абубакрович ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад карданд:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, Гулназарова Ж.Б. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Муслимов Ҳайдар Абубакрович – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

Диссертатсияи Муслимов Ҳайдар Абубакрович дар мавзуи «Вижагиҳои луғавӣ ва маъноии осори Манучеҳрии Домғонӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африко, сокинони бумии (абориенҳои) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- Сулаймонов Саидраҳмон – доктори илмҳои филология, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- Хоҷаев Давлатбек – доктори илмҳои филология, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- Шарифова Фарангис – доктори илмҳои филология, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 19 нафар, зид, бетараф – нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филология, профессор Саъдуллоев Ҷ.

Котиби илмии Шӯро,
номзади илмҳои филология, дотсент Гулназарова Ж.Б.